## ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич дар мавзӯи “Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти мамолики хориҷӣ (адабиёти форсӣ)**

Нимаи дуюми асри XX барои адабиёти муосири Эрон яке аз дурахшонтарин давраҳои адабӣ ба шумор меравад. Муҳимтарин падидаи адабии ин давра баргузории нахустин анҷумани нависандагони Эрон соли 1946 дар Теҳрон буд, ки падидаи тозаеро дар адабиёт бо номи «шеъри нав» ба расмият шинохт. Анҷумани мазкур, нависандагону шоирон ва муҳаққиқону эроншиносони зиёдеро аз атрофу акнофи Эрон ва ҷаҳон гирди ҳам овард. Дар кори анҷуман нахустин бор адабиёти манзуму мансури Эрон мавриди арзёбии амиқу мӯшикофона қарор гирифт. Нимо Юшиҷ, ки иштирокчии анҷуман буд, бо хондани чанд қитъа шеъре аз ҷониби ширкаткунандагон ҳамчун шоири нововар ба расмият шинохта шуд. Ҳарчанд ин шинохт кори осоне набуд, вале ба гунае роҳ барои пешрафти баъдӣ ҳамвор шуда буд. Нимо Юшиҷ бо ин гоми тозаи худ дар ҷомеаи адабӣ-фарҳангии Эрон ҳамчун шоири «нововар, раҳкушо, падари шеъри нав» шинохта шуд. Аксари пажӯҳандагони адабиёт дар саросари олам ӯро ҳамчун шоири соҳибмактабу соҳибсабк мешиносанд. Воқеан, ӯ мактаберо бунёд гузошт, ки дар парвариши насли бузурге аз шоирону адибони боистеъдоду нововар саҳми боризе дошт. Намояндагони ин мактаб баъдан ҳар яке тавонистанд, ки дар майдони адабиёт роҳу тариқи хоси худро пайдо намоянд. Албатта, на ҳама пайравони Нимо ба андозаи кофӣ ба моҳияту сиришт ва чигунагии равиши Нимо пай бурда буданд. Дар ин миён чанд нафаре аз онҳо фалсафаи кори Ниморо дарк карда, дар заминаи шеъри нав ба пешрафтҳои чашмрасе ноил гардиданд ва ҷараёнҳои тозаи шеъриро ба вуҷуд оварданд. Гурӯҳе, бо эҳсоси ин ки шеъри Нимо бояд маърифату шинохта шавад, ба тафсиру шарҳи асосҳои он пардохтанд, зеро Нимо дар баёну изҳори матлаби худ, чи назариву чи бадеӣ, душворфаҳм буд, ки сабабу заминаҳои хосе дошт.

Яке аз пешгомони ин мактаб Меҳдӣ Ахавони Солис мебошад, ки дар адабиётшиносии тоҷик то кунун зиндагиву фаъолияти эҷодӣ ва дидгоҳҳои илмӣ-пажӯҳишиаш ба гунаи лозим таҳқиқу баррасӣ нашудааст. Саҳму хадамоти М. А. Солис дар рушду камоли шеъри нав, идомати кори Нимо, решадор шудани ҷараёни навпардозиву навоварӣ бисёр аҳамиятнок аст. Навпардозиҳои ӯ дар бистари шеъри нав пуршуморанд, ки дар адабиёти пажӯҳишӣ ба онҳо ишорати зиёд шуда, вале, аз сӯйи дигар, М. А. Солис дар радифи шоирӣ корҳои илмӣ-пажӯҳишии арзишманде аз худ ба ёдгор гузоштааст, ки то ба имрӯз мавриди таҳқиқу баррасии дақиқ қарор нагирифтаанд. Бо назардошти ин, дар диссертатсия мақсади аслии унвонҷӯ баррасии дидгоҳҳои назарӣ-илмии шоир аст. Муҳиммияти мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки аввалин бор назару ақидаҳои М.А.Солис дар заминаи нимошиносӣ ва мактаби Нимо дар доираи таҳқиқи алоҳида мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегирад. Масъалаи дигари мавриди таҳқиқи унвонҷӯ қароргирифта шинохти М. А. Солис ҳамчун муҳаққиқи адабиёти форсӣ ба шумор меравад. Махсусан, афкору ақидаҳои ӯ перомуни ҷойгоҳу эҷодиёти бузургтарин шоирони адабиёти классикии тоҷику форс Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Умари Хайём, Носири Хисрав ва ғ. ниҳоят арзишманданд. Диссертант дар таҳқиқоти хеш талош ба харҷ додааст, то ки ашъори М.А. Солисро аз нигоҳи сохтору дарунмояҳои шеърӣ, ҷанбаҳои ҳамосиву ривоятӣ ва дигар хусусиятҳои поэтикӣ гурӯҳбандӣ намуда, нақши ӯро дар заминаи инкишофу такомули шеъри муосир ва эҷоди ашъори навпардозона нишон диҳад. Мақсади ин таҳқиқ, қабл аз ҳама, аз баррасии масири зиндагӣ ва муҳимтарин шохисҳои эҷодиёти М.А.Солис иборат аст. Ҳамзамон, дар диссертатсия таҳлилу арзёбии дидгоҳҳои илмӣ-назарӣ ва пажӯҳишии шоир мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима дар атрофи аҳамияту мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи

омӯзиш, сарчашмаҳои таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, методу шеваҳои таҳқиқ, навгониҳо ва аҳамияти илмиву амалии диссертатсия сухан рафтааст.

Боби аввали диссертатсия зери унвони **«Зиндагӣ ва осори М.А. Солис»** аз чаҳор зерфасл иборат буда, ба таҳлилу арзёбии давраҳои зиндагии шоир, ташаккули эҷодии вай ва равшаниандозӣ атрофи саҳифаҳои номаълуми фаъолияти ӯ бахшида шудааст. Дар зерфасли аввал, ки **"Шарҳи ҳоли мухтасар"** ном дорад, саъй шудааст, ки муҳимтарин зинаҳои зиндагии ӯ таҳлилу таҳқиқ шавад. Чун шарҳи ҳоли худнавишти муаллиф мавҷуд нест, дар зерфасли мазкур хотирнишон гардидааст, ки Солис дар баъзе аз шабҳои адабӣ ва мусоҳибаҳояш ба лаҳзаҳо ва ҷузъиёти алоҳидаи зиндагии худ ишорат намудааст. Ҳарчанд гуфтаҳои ӯ хусусияти ёддоштӣ доранд, вале дар бозкушоии консепсияи эҷодӣ ва шинохти амиқи ташаккули ӯ ҳамчун шахсияти эҷодӣ бисёр муҳиманд. Яке аз натиҷаҳои муҳими зерфасли мазкур дар он зоҳир мешавад, ки вақоеи муҳимми сиёсии давр, ки бар асари табаддулоти низомӣ рух додаанд, сабабгори шикасти отифии шоир мегарданд ва мардеро, ки рӯҳияи ҳамосиву қалби саршор аз мубориза дошт, ба марде табдил медиҳанд, ки ҳам аз мардум ва ҳам аз зиндагӣ ноумед шуда буд. Ин аҳволи рӯҳӣ, ки бар шоири ҳамосии мо мегузарад, китоби «Аз ин Авасто» ва манзумаи «Шикор» -ро ба бор меоварад. Масъалаи дигаре, ки дар **зерфасли дувум** мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, **«Мероси М.А.Солис»** унвон дошта, диссертант дар чаҳорчӯби он талош намудааст, ки назаргоҳҳои мунаққидон, адабиётшиносонро роҷеъ ба ҳунари шоирӣ ва вижагиҳои идеявӣ, мавзӯӣ ва бадеии ашъори шоир таҳлил намояд.

Хотирнишон гардидааст, ки ба мавҷудияти мероси бузурги шоир нигоҳ накарда, офаридаҳои ӯро наметавон танҳо аз зовияи бадеӣ зебошинохтӣ арзёбӣ намуд. Ин танҳо махсуси М.А.Солис нест, балки бисёре аз аҳли ҳунар дар давраи муайяне аз зиндагӣ ба қуллаи камолоти худ мерасанд ва баъдан таназзули онҳо оғоз мегардад. Ташаккулу инкишофи истеъдоди шоирии М.А.Солис аз маҷмӯаи «Арғунун» оғоз гардида, дар маҷмӯаҳои «Охири Шоҳнома», «Зимистон» ва «Аз ин

Авасто» ба авҷи аълои худ мерасад. Диссертант зикр намудааст, ки нашри ин китобҳо нубуғу истеъдод ва шаҳомати шоириву ҳунарии М.А.Солисро то нуқтаи камол расонид ва дурахшонид. “Он гоҳ пас аз тундар”, “Сабуҳӣ”, «Сабз», «Овози чагур», «Катиба», «Рӯйи ҷодаи намнок» муҳимтарин ашъори ин дафтаранд, ки имрӯз ҳам қиммату арзиши онҳо кам нашудааст. Муҳаққиқону мунаққидони номваре чун Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, А. Зарринкӯб, Сирус Шамисо, Комёр Обидӣ ва даҳҳо тани дигар ба осори ӯ ва, махсусан, ба ин шеърҳо нақдҳои ҷолибе навиштаанд.

Зербоби сеюми боби якум **«Шеъри М.А.Солис дар манзари танқиди адабӣ»** унвонгузорӣ шудааст ва ба омӯзиши ҷараёни вуруди М.А.Солис ба майдони адабиёти форсӣ ва арзёбии дидгоҳҳои мунаққидон ва адабиётшиносон дар атрофи ашъори ӯ иртиботи бевоситае дорад. Ба андешаи муаллиф, бо такя ба нақди адабии замони шоир метавон натиҷагирӣ кард, ки эҷодиёти ӯ чи дар жанрҳои хурди лирикӣ ва чи дар жанрҳои эпикӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи олимону ноқидон будааст.

То замоне ки М.А.Солис ҳамчун шоири навпардозу навгаро шинохта гардид, ӯро чун ноқиди саршиноси адабиёт шинохта буданд.

Зербоби чоруми фасли аввал **«Шеъри Ахавони Солис (сохтору муҳтаво)»** унвонгузорӣ шуда, муҳимтарин хусусиятҳои шеъри шоир тибқи тадқиқоти анҷомшуда ба қарори зайланд: нерӯмандии ҷанбаи ривоятии шеър ва баҳраварӣ аз салобату шукуҳи сабки хуросонӣ ва омезиши он бо мояҳои забони омиёна; офариниши таркибҳо ва тасвирҳои нодир; бозтоби рӯҳи ҳасрату яъси таърихӣ-иҷтимоӣ, ки барҷастатарин хусусияти шеъри шоир маҳсуб мешавад; шеъри Ахавон бо он дарунмояҳое, ки зикраш рафт метавонад ойинаи шебу фарози таърихи сиёсӣ-иҷтимоии Эрон дар тӯли садсолаҳо бошад; шоирро метавон устурапардози яъсу шикасти таърихӣ донист. М.А. Солис мисли риндони таърих дунёи имрӯзро пушти по зад ва ба ҷаҳони ормонии дирӯз (ормоншаҳри Зардушту Мониву Маздак) рӯй овард; Ашъори М.А. Солис моломоли мафҳумҳову ишораҳои суннатӣ, асотири куҳан аст, ки бо забону сохтори

каломи ӯ таносуби қавӣ дорад; муҳимтарин хасисаи ашъори шоир ба забони он иртибот мегирад. Ӯ бо ҳифзу нигаҳдошти ҷавҳараи ҳамосии шеъраш зарфияту имконоти забони гуфтугӯиро низ ба кор гирифт, ки ин амр ба забони шеър ва ҷанбаҳои дигари он судманд афтод.

Боби дувуми диссертатсия тахти унвони **«Баррасии андешаҳои илмӣ-назарии М. А. Солис»** фарогири панҷ зерфасле мебошад, ки ба таҳлилу арзёбии мероси илмӣ-назарии М.А.Солис бахшида шудааст.

Шеъри нави Эрон ва шебу фарози он дар муддати даҳсолаҳо ба таври амиқу густурда таҳқиқу арзёбӣ шудааст. Таъкид шудааст, ки ҷуғрофиёи пажӯҳишу баррасиҳо кайҳост, ки аз марзҳои аслии он- Эрон берун рафтааст ва дар гӯшаҳои мухталифи дунё тарафдорону мухотибону пажӯҳандагони худро ёфтааст. Вале, мутаассифона, нақши нахустин мубаллиғону ҳимоятгарони шеъри нав то ба имрӯз ба таври шоиста маврида омӯзиш қарор нагирифтааст. Бо назардошти ин, зерфасли аввали боби дуюм зери унвони **«М. А. Солис ва нимошиносӣ»** ба таҳқиқи ҳамаҷонибаву амиқи эҷодиёти ӯ дар ин замина бахшида шудааст. Дар мақолаҳо ва китобҳои алоҳидае, ки М.А.Солис дар заминаи нимошиносӣ таълиф намудааст, бо асосҳои назарӣ қонунмандии пажӯҳишу ибтикороти ӯро дар иртибот бо таҷаддуди шеъри форсӣ собит намуда, мухолифони сабки Ниморо муътақид сохтааст, ки ин навовариву тозакориҳо беасос набуда, ниёзи мубрами сабки фардии ӯ мебошанд, ки аз умқи адабиёти форсиву тоҷикӣ сарчашма мегиранд. Бо назардошти пуршумор будани корҳои илмӣ-таҳқиқотии М.А.Солис дар диссертатсия гурӯҳбандии онҳо сурат гирифтааст.

**«М. А. Солис ва масъалаи ҳимоят аз сабки Нимо Юшиҷ»** унвони зерфасли дуюм аст. Диссертант дар чаҳорчӯби он нахуст мақолоти шоирро, ки дар маҷаллоти асраш мунташир гаштааст, таҳлил намуда, сипас, рисолаҳои алоҳидаи ӯро аз қабили «Бидъатҳо ва бадоеъи Нимо Юшиҷ», «Ато ва лиқои Нимои Юшиҷ», «Нақиза ва нақизасозон» мавриди таҳқиқи амиқ қарор медиҳад.

Яке аз хидматҳои қобили мулоҳизаи М.А.Солис пажӯҳишу баррасии жанрҳое маҳсуб мешавад, ки новобаста аз таърихи қадим доштанашон миёни шоирон маъруфияти зиёде надоранд. М.А.Солис дар солҳои поёни умраш китобе бо номи «Нақиза ва нақизасозон»-ро таълиф намуд, ки пас аз маргаш ба чоп расид. Китоб аз 29 фасл иборат аст, ки ҳар яке ба тарҳи масъалаи алоҳида бахшида шудааст. Бо ин сабаб, зерфасли сеюми боби мазкур таҳти унвони **«М. А. Солис ва жанрҳои номашҳури шеъри форсӣ»** ба таҳлилу баррасии ин китоб ва муайянсозии вижагиҳои истифода аз жанри нақиза дар адабиёти классики форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти муосири Эрон бахшида шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши китоби М.А.Солис ва таҳлили нақиза дар эҷодиёти шоирони классик ва муосири форсӣ диссертант ба хулосае омадааст, ки дар радифи Убайди Зоконӣ, Сӯзании Самарқандӣ дар эҷоди  нақиза Яғмо Ҷандақӣ ва аз муосирон Содиқ Ҳидоят, Алиакбари Деҳхудо ва Содиқ Чӯбак ба комёбиҳои чашмгир ноил гардидаанд. Нақизаҳои онҳо бо густурдагӣ ва умқи тасвири падидаҳои иҷтимоӣ ва воқеияти рӯзгор аз дигар осор фарқ мекунанд.

Баррасии китоби М.А.Солис имкон медиҳад чунин натиҷа гирифт, ки нақиза ба умри тӯлонии худ, ки фарогири давраҳои дурахшишу нузул будааст, то ба имрӯз мавзӯи таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Албатта, дар ин шеваи баёни шеърӣ камбуду навоқиси қобили мулоҳизае ҳам ҳаст. Вале аз сӯйи дигар, масъалаҳое мавҷуданд, ки баррасиашон гувоҳ бар аҳамияту арҷ ва ҷойгоҳи нақиза дар адабиёт мебошад. Дар боби мазкур ҳамчунин  кӯшише ба харҷ рафтааст, то нақду баррасиҳои М.А.Солис дар атрофи масоили шеъри  классикӣ ва муосири форсӣ таҳлилу арзёбӣ гардад. Маҳз ба хотири ин, зерфаслҳои  чоруму панҷум **«М. А. Солис ва нақди шеъри муосири Эрон»** ва **«М. Солис ва шоирон»** ба таври комил ба таҳлили дидгоҳҳои интиқодии М.А.Солис ихтисос доранд, ки дар чаҳорчӯби онҳо номбурда эҷодиёти шоирони классику муосири форсиро арзёбӣ мекунад. Кайд кардан зарур аст, ки М.А.Солис бо чопи ҳар маҷмӯае аз ашъори ҳамзамонон ба таври фаврӣ аксуламале нишон дода, назариёташро атрофи онҳо баён доштааст. Ҳарчанд нақду

баррасиҳои ӯ дар шакли китоби алоҳидае ба нашр нарасидаанд, вале ошноӣ бо онҳо дар дарку фаҳми равандҳои адабиёти муосир ва, махсусан, шеъри нав бисёр судманданд. Масъалаи дигаре, ки дар чаҳорчӯби боби мазкур муаллиф матраҳ сохтааст, ба дидгоҳҳо ва назаргоҳҳои М.А.Солис дар иртибот бо ҳунари шоирӣ, биниши бадеии шоирони пешин ихтисос дорад. Бояд таъкид дошт, ки М.А.Солис ҳарчанд асари махсуси монографӣ дар бораи масири зиндагӣ ва эҷоди шоирони маъруф мисли Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Масъуд Саъди Салмон, Хайём наофаридааст, вале дар осори назарии ӯ нукоти муҳиму қобили мулоҳизаеро перомуни мавзӯи мазкур метавон дучор омад. Ҳамин тариқ, таҳқиқу баррасии зиндагӣ ва осори М.А.Солис, ҳамчунин пажӯҳишҳои илмӣ - назарии ӯ имкон медиҳанд, ки пажӯҳанда ба ҷараёни инкишофи такомули шеъри нав ва, ба таври умум, адабиёти муосир шинохти амиқ пайдо намуда, нақшу ҷойгоҳи ин устоди суханро дар майдони адабиёт таъйин намояд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқу омӯзиши асри шоир ва замони қадам ниҳоданаш ба майдони адабиёт бо назардошти натиҷаҳои корсози он дар инкишофу камоли насли нави шоирон муфиду муҳим ба чашм мерасанд. Дар диссертатсия ҳаёт ва эҷодиёти шоир дар иртибот бо муҳити зист ва муҳити сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии давр мавриди баррасӣ қарор гирифт ва диссертантро ба чунин натиҷа овардаст, ки донистани раванди рушду камоли эҷодии як шоир дар аснои таҳқиқи илмӣ то чи андоза арзишманд аст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе нуқсони ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси волоияти ҳусни таҳқиқот хоҳанд буд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия дараҷаи омӯзиши масъала(пешинаи таҳқиқ) ба такмилоти ҷиддитаре ниёз дорад.
2. Сарчашмаи таҳқиқ дар муқаддимаи диссертатсия танҳо бо ҳуруфи арабиасоси форсӣ оварда шудааст. Беҳтар мебуд, агар номгӯйи ин асарҳо бо ҳуруфи кириллӣ низ зикр мегардиданд.

3. Хулосаи диссертатсия мукаммалу ҷамъбастшуда бошад ҳам, масоили баррасишаванда дар охири зерфаслҳо ҳамаҷиҳата хулосабарорӣ нашудаанд.

4. Дар диссертатсия хатоҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ (дар саҳ. 18, 34, 47, 83, 91, 106, 122, 134, 147, 149 ва ғ.) дида мешаванд.

5. Дар саҳифаҳои 73, 121 ва 139 матни шеърҳо ноқисиҳои вазнӣ доранд, киислоҳашон ба манфиати кор мебуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳи онҳо боиси беҳбуди кор мегардад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқати комил дошта, теъдоди таълифот дар ҳаҷми се мақолаи дар нашрияҳои КОА ФР ва КОА ҶТ бақайдгирифта нашр гардидаанд, ки феҳристи онҳо дар охири автореферати диссертатсия оварда шудааст.

Диссертатсияи Муродов Ҷӯрабек Курбоналиевич дар мавзӯи “Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис” тадқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти мамолики хориҷӣ (адабиёти форсӣ) мебошад.

**Мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Шамсов Н. С.**

**Имзои Шамсов Н. С.-ро тасдиқ менамоям:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш. М.**

**734019, ш.Душанбе, хиёбони Ф.Муҳаммадиев 17/6., тел.(+992 37) 232-50-00;**
**E-mail: shamsov1960@mail.ru.**